Рӯзиев Т.Б.

Ахмадалиев Н.А.

# ОФАРИДАНИ ЗОТИ АЛОИ ТОҶИКӢ ВА ТАЛАБОТҲОИ АСОСӢ БА ОН ДАР ШАРОИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ТАВСИЯНОМА



Д У Ш А Н Б Е 2020

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ВАЗОРАТИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ИНСТИТУТИ ЧОРВОДОРӢ ВА ЧАРОГОҲӢ АИКТ

ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН

БА НОМИ Ш.ШОҲТЕМУР

# ОФАРИДАНИ ЗОТИ АЛОИ ТОҶИКӢ ВА ТАЛАБОТҲОИ АСОСӢ БА ОН ДАР ШАРОИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ТАВСИЯНОМА

2020

# Сарсухан

Асосгузори сулҳу Ваҳдатӣ миллӣ- Пешвои миллат, муҳтарам Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон соҳаи чорводориро яке аз соҳаҳои стратегии кишвар ҳисобида дар тамоми вохӯриҳояш бо сокинони кишвар қайд менамояд, ки рушду нумӯи ин соҳа имконият медиҳад, ки сокинони кишвар зиндагии сазовор дошта, бозори дохилиро бо маҳсулоти худи бой намоянд ва проблемаи озуқаворироҳалнамоянд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати аграрӣ буда то 93%-и онро кӯҳу пушта ва заминҳои ғайри истеҳсолӣ ишғол намудаанд. Дар ҳолати самаранок истифода бурдан то дар 60-65%-и ин масоҳат имконияти нигоҳ доштани намудҳои гуногуни чорво мавҷуд аст.

Чорводорӣ яке аз соҳаҳои ассоси кишоварзӣ буда ҳиссаи он дар маҷмӯи маҳсулоти дохила ва дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ мутаносибан 11,7 ва 23,5 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳамасола дар кишвар саршумори чорвои калону майда , асп, парранда ва оилаи занбӯри асал зиёд мегардад.

Қайд намудан ба маврид аст, ки ҳама сола дар қатори афзоиши саршумор истеҳсоли маҳсулот низ бо тадриҷ зиёд мегардад. Локин натиҷаҳои ба даст омода моро қонеъ кунонда наметавонад, чунки агар то солҳои 1990 ширдуши аз як сар модагов дар ҷумҳурӣ 2600 кг-ро ташкил дода бошад, ин рақам соли 2017- 1618 кг- ро ташкил дод ва зиёдшавии истеҳсоли шир ва гӯшт на аз ҳисоби баланд гардидани маҳсулнокии чорво балки аз ҳисоби зиёд гардидани саршумор ба даст оварда шудааст.

Дигар шудани сохторҳои хоҷагидорӣ дар назди зотҳои офаранда-шаванда душвориҳои зиёдеро оиди технологияи нигоҳдорӣ, хӯронидан ва истеҳсоли маҳсулот пеш гузошт.

Чорвои ширӣ, ки дар оянда барои комплексҳои замонавӣ ва механиконикунонидашуда пешниҳод карда мешавад, бояд бо маҳсулнокии баландаш фарқ намояд (4-6 ҳаз. кг дар як давраи ширдӯшӣ) дошта, ба мошинаи ширдӯшӣ ва дастгоҳҳои ширдӯшии замонавӣ мутобиқ, саломатии пурқувват ба ба касалиҳо мутобиқ бошад.

Дар шароити ҳозира бисёр зотҳои мавҷуда ба талаботҳои пешниҳодшуда ҷавобгӯй нестанд. Ба талаботҳои замони ҳозира мувофиқ гардонидани тип ва зотҳои мавҷуда, танҳо дар ҳолати истифода намудан аз генотипҳои ҷаҳонӣ бо роҳи бурдани селексияи байнизотӣ ва ё офаридани тип ва зотҳои нав даст медиҳад. Охирин, имконият медиҳад, ки ин кор дар як давраи кӯтоҳ ба даст оварда шавад.

# АСОСНОК НАМУДАН ВА ВАЗИФАҲОИ КОР

Дар бисёр давлатҳои ҷаҳон, ки соҳаи чорвои ширӣ тараққӣ кардааст, бо мақсади суръат бахшидан ба корҳои селексионӣ ва баровардану офаридани зотҳои нав, тип ва авлодҳо аз генотипҳои ҷаҳонӣ, хусусан аз буққаҳои зоти голштинӣ васеъ истифода мебаранд. Ин зот дар Штатҳои Мутаҳиддаи Амрико ва Канада офарида шуда, баъдтар дар тамоми ҷаҳон паҳн карда шудааст.

Дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаҳои пешқадами пажӯҳишгоҳҳои тадқиқоти илмӣ оид ба истифодабарии буққаҳои зоти голштинӣ, мо низ ба хулоса омадем, ки дар заводҳои зотпарварӣ, ки асосан ба парвариши зоти сиёҳало машғуланд, аз буққаҳои ин зот истифода барем. Муайян карда шуд, ки истифодабарии буққаҳои зоти голштинӣ ба он овард, ки насли бадастомада намуди ширӣ пайдо карда ширнокиашон баланд гашт. Он нуқсону камбудиҳое, ки дар зоти сиёҳало вомехӯрданд бартараф гашта, гӯштнокӣ, равғаннокӣ ва такрористеҳсолкуниашон нигоҳ дошта шуд.Дар тӯли 40 сол аз бисёр давлатҳои ҷаҳон аз он ҷумла: Амрико, Канада, Олмон, Фаронса, Полша, Русия, Исроил, Ҳолландия нутфаи буққаҳои зоти голштинӣ ба ҷумҳурӣ оварда шуданд. Дар шароити ҷумҳурӣ ба шароит мутобиқшавӣ ва хусусиятҳои маҳсулнокии онҳо омӯхта шуд. Дар натиҷаи омӯзиш муайян карда шуд, ки дар шароити ҷумҳурӣ маҳсулнокии аз ҳама баландро духтарони буққаҳои селексияи америкоӣ ва селексияи маҳаллӣ додаанд.

Дар натиҷа аз истифода бурдани буққаҳои зоти голштинӣ дар ҷумҳурӣ типи говҳои тоҷикии зоти сиёҳало офарида шуд, ки аз як сар то 5-7 ҳазор кг шир медӯшанд. Дар айни ҳол ҳайвоноти ин тип дар заводҳо ва хоҷагиҳои зотпарварӣ, хоҷагиҳои фермерӣ, деҳқонӣ ва шахсии вилояти Суғд ва ноҳяҳои тобеи ҷумҳурӣ парвариш карда мешаванд.

Бо истифода аз буққаҳои зоти голландӣ (1970-1985) дар вилояти Суғд ташкили авлодҳои бениҳоят сермаҳсули буққаҳои Сама-Виске, Бант, Луурика ва Неэроро ба роҳ монданд. Аз писарон, наберахо, аберахо ва чаберахои ин буққаҳо то солҳои -1980 ба таври васеъ дар тамоми хоҷагиҳои вилоят истифода бурда шуд. Дар тамоми хоҷагиҳои вилоят зиёда аз 54 оилаҳои сермаҳсул ташкил карда шуданд. Модаговҳои ин оилаҳо аз рӯи маҳсулнокиашон, равғаннокиашон, вазни зинда, намуда беруна ва шакли синаашон аз дигарҳо фарқ мекарданд.

Баъд аз солҳои 80-ум дар тамоми ҷаҳон дар корҳои зотпарварӣ бо зоти сиёҳ-ало аз буққаҳои зоти голштинӣ истифода мебурдагӣ шуданд. Имрӯз ин зот яке аз зотҳои сермаҳсултарини ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Ватани аслии ин зот Голландия мебошад. Баъдтар дар ШМА ва Канада васеъ паҳн шуд. Давлати Исроил аз ин зот аз як сар модагов то 12,5-13,0

ҳазор кг шир медӯшад. Давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон, ки чорводорӣ тараққӣ кардааст ба монанди Америка, Канада, Голландия, Франсия, Япония аз ин зот самарабахш истифода мебаранд ва аз як сар модагов аз 7000 то 9000 кг шир медӯшанд.

Ба ҷумҳурии мо низ буққаҳо ва нутфаи ин зотро аз солҳои 1980 сар карда ворид намуданд. Мақсади асосӣ баланд бардоштани маҳсулнокии ширӣ, беҳтар намудани сохти бадан, шакли сина ва дар як вақт нигоҳ доштани равғаннокӣ буд.

Дар байни подаи зоти сиёҳ-ало имрӯз ҳайвоноти гуногунхун парвариш меёбанд. Исбот карда шудааст, ки бо зиёд шудани хуни голштинӣ то як дараҷаи муайян маҳсулнокӣ боло меравад. Тадқиқотҳо муайян намуданд, ки истифода бурдани буққаҳои зоти голштинӣ маҳсулнокии зоти сиёҳ-алоро аз 500 то 1000 кг зиёд менамояд.

Аз солҳои 1985 сар карда дар тамоми хоҷагиҳои вилоят ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳур ба голштинизатсиякунонии зоти сиёҳ-ало шурӯъ намуданд. Дуруст ба роҳ мондани корҳои зотпарварӣ ва селексионӣ зуд натиҷаи дилхоҳ доданд. Дар заводҳои зотпарварии ба номи А. Саматови ноҳияи ба номи Ҷ. Расулов, заводи зотпарварии ба номи Ҷ. Расулови ноҳияи Б. Ғафуров ва “Паласс”, хоҷагиҳои “Ирам” ва ба номи Э. Бойматоваи ноҳияи Конибодом пурра ба истифодаи буққаҳои зоти голштинӣ гузаштанд.

Ба ҷумҳури қариб аз тамоми давлатхои тарақикардҳои ҷаҳон аз қабили Амрико, Канада, Ҳолландия, Олмон, Исроил, Россия, Полша ва ғайраҳо буққаҳои зоти голштинӣ (нутфаашон) ворид карда шудаанд.

Таҷрибаҳо исбот намуданд, ки истифода бурдани буққаҳои голштинӣ маҳсулнокии чорвои дурагаро баланд бардошта сохти баданашонро беҳтар намуд. Дурагаҳо намуди ширӣ пайдо намуданд, вазни зиндаашон то ба 500-550 кг расонида шуд.

Парвариши бомақсади гӯсолаҳоро нағз ба роҳ монданд. Дар хоҷагиҳои зотпарварии ба номи А. Самадов вазни миёнаи гӯсолаҳо дар сини 9-моҳагӣ 238,6кг ,12-моҳагӣ 296,1 ва 18-моҳагӣ ба 412,6кг расонида шуд. Дар хоҷагиҳои “Паласс” ва ба номи Ҷ. Расулов ин нишондодҳо мутаносибан чунин буданд: 206,2; 278,6; 345.0 кг ва 162.1; 208.1 ва 301кг.

Хусусан истифодаи буққаҳои селексияҳои америкои: Крис 171, Мартин 678, Хикмарк 799, Грей 181, Астроновт 199, Элвио 9972, селексияи олмонӣ: Семит 788, Лорд 287, Эксперт 277, Лидо 677, Ахтер 519, Винт 839, селексияи Россия: Мак 519, Меч 598, Экран 2233, Байкал 743, Дурман 361, Адонис 472, Арарат 454, селексияи Ҳолландӣ: Эллерд 686, Разалин 645, Лел 628, Аналин 2173, селексияи Эстонӣ: Полёт 805 натиҷаҳои хуб доданд.

Аз ҳисоби буққаҳои Астронавт 199 ва Семит 788 ду авлоди нав ташкил карда шуд. Писарони онҳо Атой 1140, Тростник 2160, Эрбус 70, Арбус 1494, Зонтик 455, Ампер 80, Ветер 2271 ва наберааю аберахои онҳо Азлик

614, Паркет 439, Грек 817, Эрсон 6979, Гордий 969, Гром 939 ба таври васеъ истифода шуданд ва асоси офаридани типи говҳои тоҷикии зоти сиёҳ-ало гаштанд.

Дар тӯли 20 соли баъди офаридани типи говҳои тоҷикии зоти сиёҳ-ало саршумори ин тип хелоҳо афзоиш ёфт.

Дар байни тамоми чорвои ширие, ки имрӯз мо дар ҷумҳури дорем, ягона типи говҳои тоҷикӣ, агар ба маънои пуррааш гӯем фаъолият доранд. Мардум инро мебинанд ва хубро аз бад фарқ мекунанд. Аз ин лиҳоз солҳои охир ареали паҳншавии тип хеле васеъ гашта саршумори он аз ҳисоби хоҷагиҳои фермерӣ, деҳқонӣ ва шахсӣ хелеҳо зиёд шудааст.

Танҳо дар 10 соли охир саршумори ин типро хоҷагиҳои зерини ҷумҳури харидори намудаанд ва онҳо асоси пешравии ин хоҷагиҳо гардидаанд. Аз хоҷагии зотпарварии ба номи А. Самадови ноҳияи Ҷ. Расулов 20 сар буққа ба хоҷагии деҳқонии "Элдор"-и Дегмой, 50 сар ғуноҷин ба хоҷагии зотпарварии ба номи А.Ҷумаеви ноҳияи Б. Ғафуров, 100 сар модагов ва 60-сар ғуноҷин ба хоҷагии "Чорводори Нов"-и ноҳияи Спитамен, 200 сар модагов ба хоҷагии ба номи Р. Набиеви ноҳияи Б. Ғафуров, 100 сор модагов, 400 сар ғуноҷин ва 2 сар буққа ба хоҷагии "Баракат"-и ноҳияи Ҳисор, 100 сар ғуноҷин ба хоҷагии фермерии "Умед"-и ноҳияи Рӯдакӣ, 20 сар буққа ба хоҷагии ба номи Л. Муродов ва 7-сар буққа ба хоҷагии ба номи К. Маркси ноҳияи Ҳисор, аз хоҷагии ба номи "Чорводори Нов"-и ноҳияи Спитамен ба хоҷагии "Доштманди"-и ноҳияи Файзобод 100 сар ғуноҷин харидори карда шудааст. Қариб тамоми чорвои калони шохдори атрофи хоҷагиҳои ба номи А. Саматови ноҳияи ба номи Ҷ. Расулов, хоҷагии ба номи Ҷ.Расулов ва А.Ҷумчави ноҳияи Б.Ғафуров ва "Палосс" бо буққаҳои ин хоҷагиҳо бордор карда шудаанд. Зиёда аз 70%-и чорвои шахсии аҳолии ноҳияҳои ба номи Ҷ. Расулов ба номи Б. Ғафуров, Конибодом, Спитамен, Ҳисор аз буққаҳои тип ба тариқи дасти ё сунъӣ бордор карда мешаванд. Танҳо як чиз боиси нигаронист, ки ҳангоми чунин тез паҳн шудани саршумори говҳои тип баъзан унсурҳои зотрӯёнӣ аз қабили интихобкунӣ, хостагирӣ, технологияи парвариш, хуннокии буққаҳо ва модаговҳо, ба инобат гирифтани хусусиятҳои ирсии падарию модарии онҳо, дараҷанокии буққаҳо, вазни зиндаи буққаҳо ва модаговҳо, технологияи парвариши гӯсолаҳо ва ғуноҷинҳо мумкин ба инобат гирифта нашаванд. Тадқиқотҳои солҳои охир исбот карданд, ки аз тамоми он буққаҳое, ки ба ҷумҳурӣ ворид мешаванд, танҳо буққаҳои селексияи америкои, ки аз минтақаҳои гарм аз штатҳои (Техасс, Амазонка, Калифорния ва ғайра) оварда шудаанд ва буққаҳои говҳои типи тоҷикӣ, ки дар шароити ҷумҳурӣ офарида шудаанд самараи хуб медиҳанд.

Дигар чизе, ки хоҷагиҳо ба он аҳмияти беандоза бояд диҳанд ин то кадом дараҷаи хуннокӣ ҷуфтикунонии чорво мебошад. Дар тамоми ҷаҳон ва дар ҷумҳурии мо низ муайян карда шудааст, ки вобаста аз дараҷаи хӯронидан то хуннокии ½ (50%) ва ¾ (75%) маҳсулнокии чорво баланд меравад. Дар ин ҳолат чорводорон ҷуфтикунонии "худ ба худ"-ро

истифода бояд намоянд(дар расмҳо онҳо ба тариқӣ фаҳмо нишон дода мешаванд.)

Самаранок истифода бурдани буққаҳои тип дар хоҷагии ба номи Л. Муродов имконият дод, ки маҳсулнокиро аз 1 сар модагов дар соли 2017 – ум то ба 5553 кг, хоҷагии ба номи А.Юсупов ба 5009 кг, хоҷагии «Чорводори Баракат» ба 5900 кг бардоранд.

Дар байни модаговҳо модаговҳое вомехӯранд, ки дар 305 рӯз то 9483 кг Кения 1761, 8770 кг Африка 977, 8477 кг Метла 1912, 8339 кг Фермала 1896 бо равғаннокии ширашон аз 3,77 то 3,89 % додаанд .

Баъзан хоҷагиҳо имрӯзҳо аз хориҷи кишвар ба ҷумҳури модаговҳои зоти сиёҳ-алоро ворид намуда истодаанд. Ба чунин хоҷагиҳо маслиҳат медодем, ки ба чунин корҳо он қадар саргарм нашаванд. Илм исбот намудааст, ки ҳангоми аз як минтақа ба минтақаи дигар овардани чорво то 8-12 сол ба шароит мутобиқшавӣ мегузарад.

Имрӯзҳо типи говҳои тоҷикии зоти сиёҳ-ало бояд дар ҷумҳури яке аз резервҳои асосии баланд бардоштани маҳсулнокии чорвои аҳоли гардад. Чунки хусусиятҳои хуби ирсӣ, потенсиали баланди генетикӣ, хусусиятҳои ба иқлими ҷумҳурӣ мутобиқ шудан ва маҳсулнокии баланд додан танҳо хоси ин тип аст.

Дар ҷумҳурӣ аз солҳои 1985 то инҷониб модаговҳои зоти сиёҳалоро бо буққаҳои зоти голштинӣ бордор менамоянд. Истифода бурдани буққаҳои зоти голштинӣ асосан дар хоҷагиҳои вилояти Суғд, хоҷагиҳои фермерӣ ва шахсии ноҳияи Ҷ.Расулов, «Навгилем»-и шаҳри Исфара, хоҷагиҳои зотпарварии ба номи Э.Бойматова, «Ирам»-и ноҳияи Конибодом, «Гулистон»-и ноҳияи Спитамен, ба номи А.Ҷумъаев, «Палос», ба номи Б.Махсуди ноҳияи Б.Ғафуров ва ноҳияи Ҳисор хоҷагиҳои ба номи Л.Муродов, «Ватан, ба номи А.Юсупов, «Чорводори Баракат» гузаронида мешавад.

Таҷрибаҳо исбот намуданд, ки дар натиҷаи истифода бурдани буққаҳои голштинӣ маҳсулнокии ҳайвоноти дурага зиёд гардида, экстерер ва конститутсияи чорво беҳтар мегардад. Модаговҳо ба мошинаи ширдӯшӣ ва технологияи нигоҳдорӣ пурра ҷавобгӯянд.

Дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои бисёрсола муайян карда шудааст, ки гӯсолаҳои селексияи америкоӣ дар тамоми давраҳои синну сол аз дигар селексияҳо бартарӣ доранд. Дар хоҷагии ба номи Л.Муродов онҳо ҳангоми таваллуд аз рӯи вазни зинда 1,5кг, 3 моҳагӣ – 4,1кг, 6 моҳагӣ – 5,4кг, 9 моҳагӣ – 15 кг фарқият доранд. Селексияи маҳаллӣ бошад (он гӯсолаҳое, ки аз буққаҳои голштиние, ки дар шароити хоҷагиҳои зотпарварии ҷумҳурӣ ба даст оварда шудаанд) нисбати селексияҳои дигар 2,1; 2,8; 5,6; 9,2 ва 12,7кг бартарӣ доштанд.

Чунин тарзи вазнафзункунӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар хоҷагиҳои номбурда тарзи парвариши гӯсолаҳо дуруст ба роҳ монда шудааст. Дар хоҷагии ба номи «Баракати чорводор» ин нишондодҳо дар натиҷаи дар давраи ширхӯрӣ хӯронидани 360 кг шири натуралӣ ва 700 кг дӯғ (шири беравған) ба даст оварда мешавад. Аз 20 рузагӣ гӯсолаҳоро ба хӯрдани хӯрокаҳои консентратӣ, дағал ва ширадор одат менамоянд, то 1-солагӣ ба гӯсолаҳо ба ғайр аз шир 4,5-6,0 сентнер хӯрокаҳои дағал, 12-16 хӯрокаҳои сабз, 15-19 хӯрокаҳои ширадор, 4,8-5,0 хӯрокаҳои консентратӣ хӯронида мешавад. Аз 1 то 2 солагӣ мутаносибан: 7-10; 30-43 ва 5-7,4 сентнер хӯрокаҳо дода мешаванд. Бо чунин тарзи хӯронидан ба 1 сентнер вазни зинда 810-820 воҳиди хӯрока ва 135 протеини ҳазмшаванда ба ҳисоби 1 воҳиди хӯрока сарф карда мешавад.

Дар натиҷаи гирифтани андозаҳо муайян карда шуд, ки ҳайвоноти гуногунхун байни ҳамдигар фарқ мекунанд. Муайян карда шудааст, ки ҳайвоноте, ки хуни 3/4 доранд нисбати ҳайвоноте, ки хуни 1/8-и голштинӣ доранд аз рӯи баландӣ то кӯҳон -2см, 1/4-2,1см, 3/8-1,8см, 1/2-2,8см, 5/8-3,1см, 7/8-3,9см бартарӣ доранд. Бо зиёд шудани хуни голштинӣ аз 3/4 боло баръакс ҳамаи андозаҳо паст мешаванд.

Дар хоҷагиҳои зотпарварии ҷумҳурӣ, ки асосан зоти сиёҳало парвариш карда мешавад аз буққаҳои зоти голштинии америкои Крис 1710910, Мартин 1666678, Хикмарк 1688799, Грей 181, Астронавт 199, Элвио 9972 истифода бурда шудаанд.

Ба ҳисоби миёна 245 духтарони буққаҳои селексияи америкоӣ 4260 кг шир бо равғаннокии 3,83% доданд, ки нисбати селексияи маҳаллӣ 56кг шир ва 0,02% равғаннокӣ ва нисбати дигар секлексияҳо (Канада, Русия, Исроил ва ғайра) 271 кг шир ва 0,02% равғаннокӣ зиёд аст.

Дар натиҷаи самаранок истифода бурдани буққаҳои голштинӣ дар хоҷагиҳои зотпарварӣ чор авлод (линия) бароварда шуд, ки онҳо Астронавт 199 ва Семит 788 дар қисми шимоли ҷумҳурӣ ва мебошад. Солҳои охир аз писарони Астронавт 199; Атой 1140, Тростник 2160, Эрбус 70, Арбус 1494, Зонтик 455, Ампер 80 васеъ истифода бурда мешавад.

Семит 788 дар хоҷагиҳои зотпарварӣ аз соли 1995 то инҷониб истифода бурда мешавад. Писарони вай Зенит 1940, Ветер 2271, набераҳояш Азлик 614, Паркет 439, абераҳояш Грек 817, Эрсон 6979 ва чабераҳояш Гордий 969 ва Гром 939 ба таври васеъ истифода бурда мешаванд.

Ҳамаи он буққаҳое, ки дар хоҷагиҳои зотпарварии ҷумҳурӣ истифода бурда шудаанд аз авлодҳои Рефлекшн Соверинг 198998, Монтвик, Чифтейн 95679, Уес Идеал 933122, Силинг Трайджун Рокит 252803 мебошанд.

Таҳлили маҳсулнокии ширии духтарони буққаҳо дар хоҷагии ба иноми А.Ҷумъаев нишон медиҳад, ки дар тамоми давраҳои ширдӯшӣ маҳсулнокӣ ва равғани шир зиёд шудааст.

Нишондоди маҳсулнокии ширӣ хоҳ зоти сиёҳало ва хоҳ дурагаҳои голштинӣ аз талаботҳои стандарт беҳтар аст.

Аз 70 сар ҳайвони зоти сиёҳало дар ширдӯшии аввал 2845кг шир бо равғанокии 3,80% ва равғани шир 108,1кг, 57 сар ширдӯшии дуюм 3012 кг, 3,81% ва 116,2 кг ва 47 сар ширдӯшии сеюм – 3414 кг, 3,81% ва 130,0 кг ба даст оварда шудааст.

Ширдӯшии миёнаи 84 сар ҳайвоноти дурагаи селексияи америкоӣ дар хоҷагии ба номи Б.Махсут ширдӯшии аввал 3292 кг шир, равғаннокии 3,79% ва равғани шир 124,4 кг, аз 53 сар дар ширдӯшии дуюм 3400 кг, 3,78% ва 128,5 кг ва 70 сар дар ширдӯшии сеюм 3808 кг, 3,79% ва 144,3 кг-ро ташкил дод. Ин ҳайвонот нисбати зоти сиёҳало дар се ширдӯшӣ: якум 447 кг шир, равғани шир 16,3 кг, дуюм 388 кг ва 12,3 кг ва сеюм 394 кг ва 14,3 кг зиёд додаанд.

Нишондоди асосие, ки аз рӯйи он хусусиятҳои морфологии синаро баҳо медиҳанд ин шакли сина мебошад. Муайян карда шудааст, ки модагове, ки шакли синаи косамонанд ё гирдшакл дошта, қисмҳои баробар тараққикардаи сина ва пистонҳои хуб инкишофёфта доранд маҳсулнокии аз ҳама баланд дошта ба касалии сина кам гирифтор мешаванд.

Дар хоҷагиҳои ҷумҳурӣ духтарони буққаҳои зоти голштинӣ аз падарони худ шакли дурусти синаро ба мерос гирифтаанд, ки дар байни онҳо 62,0 % синаи косашакл мебошад.

Аз ин бармеояд, ки дар натиҷаи истифода бурдани буққаҳои зоти голштинӣ ба модаговҳои зоти сиёҳало шакл, намуд, сохт ва хаҷми сина ташаккул ёфта маҳсулнокӣ баланд мегардад. Омӯхтани такрористеҳсолкунӣ нишон дод, ки дар мавриди истифода бурдани буққаҳои селексияи гуногун байнашон фарқият ҳис карда мешавад. Синну соли бордоркунии аввал дар хоҷагии ба номи А.Юсупови ноҳияи Ҳисор аз духтарони буққаҳои селексияи маҳалли 28,2 моҳ ва духтарони буққаҳои дигар селексия -28,8 моҳро ташкил дод. Давраи сервиси духтарони буққаҳои америкои 78,5 рӯз буд, ки он нисбати духтарони селексияи маҳаллӣ ва дигар буққаҳо 0,8 ва 3,8 рӯз кӯтоҳтар аст. Давомнокии давраи байни ду зоиш мутаносибан байни духтарони буққаҳо чунин буд: 368: 371,1 ва 377,7 рӯз.

Дар тӯли 10 соли охир саршумори зоти тоҷикии сиёҳало дар вилояти Суғд рӯ ба зиёдшавӣ ниҳод ва соли 2019 саршумори он ба 192,7 ҳазор сар баробар шуд. Аз ин саршумор дар заводҳои зотпарварии вилоят соли 2019-18635 сар модагов парвариш карда мешавад. Мувофиқи таҳлилҳои кардашуда муайян карда шуд, ки аз ин миқдор саршумор 1000 сараш метавонад ҳамчун зоти нави сиёҳалои тоҷикӣ пазируфта шавад. Ин аз он

шаҳодат медиҳад, ки маҳсулнокии типи тоҷикӣ дар вилоят аз сабаби номустаҳкамии базаи хӯрока дар сатҳи хело паст қарор дорад. Ҳамаи ҳайвоноти офаридашуда аз волидайни худ – намуди ширӣ, маҳсулнокии баланд ва ба технологияи мошинии ширдӯшӣ мутобиқ буданро ба мерос гирифтаанд. Сохти танаи мавзун, қомати баланд, маҳсулнокии баланд ва мутобиқ будан ба мошинаи ширдӯширо аз падарон – зоти голштинӣ ва ба шароит мутобиқ шуданро аз модарон – зоти сиёҳало ба мерос гирифтаанд.

Дар байни модаговҳо дурагаҳое ҳастанд, ки хуни 1/2, 5/8, 3/4 ва 7/8-и голштинӣ дошта маҳсулнокии дар 305 рӯз 7-9 ҳазор кг шир, равғаннокии 3,74-4,20% доранд.

Дар хоҷагиҳои зотпарварии водии Ҳисор дар модаговҳои алоҳида дар 305 рӯз ширдӯшии аз ҳама баланд аз 7091 (модагови Озера 695) то 9483 (модагови Кения 1761) кг шир бо равғаннокии аз 3,73 (модагови Птичка 1760) то 4,2% (модагови (Разминка 768) ба қайд гирифта шудаст. Баромади равғани шир дар модаговҳои калонсол аз 271,1 то 355,6кг-ро ташкил медиҳад. Баъзе модаговҳо то ба дараҷаи рекордсменӣ расидаанд, Улибка 1760 (2-м давраи ширдӯшӣ 8076кг), Далёкая 2128 (1-ум 8028кг), Покупка 1410(5-ум 8262кг), Метла 1912, Фермала 1896 ва Африка 977 мутаносибан дар 3-юм давраи ширдӯшӣ 8477, 8339 ва 8770 кг шир бо равғаннокии 3,77; 3,87; 4,0 ва равғани шир 319,6; 322,7 ва 350,8 кг додаанд.



**Расми 1. Накшаи офаридани зоти тоҷикии говҳои ало**

Вобаста аз накшаи пешниҳодшуда дар хоҷагиҳои зотпарвар ҳангоми офаридани зоти нави сиёҳалои тоҷикӣ асосан бо назардошти базаи хӯрокаи хоҷагӣ ва таъминоти чорво бо хӯрока се генотип офарида шудаанд: 1/2, 5/8, 3/4. Дар навбати худ ҳамаи он генотипҳо «худ ба худ» ҷуфтӣ кунонида шудаанд.

Рекордисткаҳо аз 5 то 11 маротиба таваллуд кардаанд, ки дар ин муддат аз онҳо шири зиёд гирифта шудааст. Дар тӯли ҳаёт аз ҳама зиёд аз модаговҳои Вилка 78 (58948кг), Сечка 64 (52688кг), Колючка 1483 (50578кг) шир ба даст оварда шудааст.

Модаговҳои сермаҳсул қисми асосии подаро ташкил медиҳанд ва писарону духтарони онҳо барои хушзот намудани ҳамаи он чорвои боқимонда, ки дар хоҷагиҳои зотпарварӣ нигоҳ дошта мешаванд истифода бурда мешаванд.

Аз саршумори умумии модаговҳо 468 (23,0 %) дар хоҷагии ба номи Л.Муродов, 253 сар хоҷагии ба номи А.Юсупов (12,4 %), 339 сар хоҷагии «Баракати чорводор»-и ноҳияи Ҳисор (16,8 %) ва 969 сар аз хоҷагиҳои зотпарварӣ ва фермерию шахсии вилояти Суғд (47,8 %), ки бо саршумори умумии 2029 сар (100 %) –ро ташкил медиҳанд, ба тамоми талаботҳои зотбарорӣ ҷавобгӯянд ва барои офаридани зоти нави сиёҳалои тоҷикӣ пешниҳод карда мешаванд.

Дар хоҷагиҳои водии Ҳисор аз ғуноҷинҳо ба ҳисоби миёна 4675кг шир, равғаннокии 3,85%, баромади равғани шир 179,9 кг ширдӯшии дуюм 5163кг; 3,86%; 199,2 кг ва дар ширдӯшии сеюм 5481кг; 3,86% ва 211,5кг равғани шир ба даст оварда шудааст.

Ширдӯшии подаҳои селексионӣ ба ҳисоби миёна 5291 кг шир, равғаннокии 3,91% ва равғани шир 206,8 кг-ро ташкил медиҳад, ки ин аз ҳисоби миёнаи пода 1000 кг ва аз стандарти класи якум 1500 кг зиёд аст.

Муайян карда шудааст, ки бо зиёд шудани хуни голштинӣ то 5/8, 3/4 ҳиссаи хун дар хоҷагиҳои зотпарварӣ маҳсулнокии ширӣ баланд меравад.

Самранокии корҳои селексионӣ аз бисёр ҷиҳатҳо аз сифти истифодабарии буққаҳои истеҳсолӣ вобастаги дорад. Барои ин баҳо додан ба духтарони буққа яке аз омилҳои тезонидани суръати корҳои селекионӣ дар минтиқаҳои парвариши он ба ҳисоб меравад.

Аз соли 1990 сар карда дар як вақт бо истифода бурдани нутфаи буққҳои зоти голштинӣ дар хоҷагиҳои зотпарварии ҷумҳурӣ аз буққаҳои типи тоҷикӣ дар хоҷагиҳои ба номи Э.Бойматова ва «Ирам»- и ноҳияи Конибодом, А.Ҷумъаев, Р.Набиев, «Паласс»-и ноҳияи Б.Ғафуров, «Чорводори Нов»-и ноҳияи Спитамен, ба номи Л.Муродов, А.Юсупов,

«Чорводори Баракат»-и ноҳияи Ҳисор аз буққаҳои типи тоҷикӣ истифода бурда шуд (ҷад. 1).

**1. Маҳсулнокии ширии духтарони буққаҳои зоти алои тоҷикӣ дар хоҷагиҳо ва заводҳои зотпарварӣ**

| Ном ва рақами буққа | Шумораи духтарон | Ширдӯшии якум,кг | Равғаннокӣ % | Баромади равғани шир, кг |
|---|---|---|---|---|
| Ба номи Б.Махсуд | | | | |
| Полет 85 | 12 | 3510+80,5 | 3,80+0,02 | 133,3+3,0 |
| Табурет 303 | 11 | 3675+91,3 | 3,81+0,01 | 140,0+2,2 |
| Ребус 287 | 8 | 4063+101,3 | 3,79+0,01 | 153,9+2.4 |
| Король 571 | 19 | 3414+76,5 | 3,83+0,03 | 130,7+3,1 |
| «Навгилем» | | | | |
| Контик 1527 | 10 | 3430+104,3 | 3,84+0,03 | 131,7+3,6 |
| Графин 1187 | 8 | 3670+97,6 | 3,81+0,02 | 139,8+2,3 |
| Эксперт 2704 | 21 | 3840+68,9 | 3,80+0,01 | 145,9+2,3 |
| Буран 214 | 14 | 4003+104,5 | 3,81+0,03 | 152,5+1,8 |
| Алмаз 329 | 17 | 3950+99,3 | 3,82+0,01 | 150,8+1,9 |
| Олег 1413 | 22 | 3765+104,2 | 3,83+0,02 | 144,1+1,7 |
| Ба номи Э.Бойматова | | | | |
| Барсик 168 | 14 | 3504+88,5 | 3,78+0,02 | 124,8+1,6 |
| Камаз 395 | 13 | 3701+104,3 | 3,81+0,03 | 129,5+2,3 |
| Футик 861 | 9 | 3606+95,3 | 3,82+0,02 | 133,9+2,4 |
| Ба номи. Л.Муродов | | | | |
| Эдик 319 | 20 | 3650+79,8 | 3,80+0,03 | 138,7+1,3 |
| Загад 293 | 17 | 3440+85,3 | 3,81+0,02 | 131,0+1,6 |
| Энтик 181 | 15 | 3795+104,3 | 3,83+0,01 | 145,3+1,7 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Эдонис 272 | 21 | 4001+68,9 | 3,80+0,03 | 152,0+2,0 |
| Лир 313 | 24 | 3978+103,5 | 3,82+0,01 | 151,9+2,3 |
| Дорог 261 | 19 | 3780+121,2 | 3,81+0,01 | 144,0+2,1 |
| Магнит 245 | 17 | 3951+111,4 | 3,83+0,02 | 151,3+1,7 |
| Ба номи А.Юсупов | | | | |
| Кран 1125 | 10 | 3410+75,3 | 3,80+0,02 | 129,5+2,2 |
| Сазан 45 | 20 | 3560+102,1 | 3,83+0,01 | 136,3+2,3 |
| Музик 198 | 16 | 3680+104,3 | 3,83+0,01 | 140,9+2,4 |

## Самти асосии кор. Ҳаҷми ҷуфтикунонӣ

Корҳои илмӣ бо мақсади офаридани зоти нави сиёҳало дар 6 заводи зотпарварӣ, хоҷагиҳои аксионерӣ, деҳқонӣ, фермерӣ ва шахсӣ бо истифода аз буққаҳои зоти голштинӣ гузаронида мешавад. Дар асоси типи тоҷикии говҳои зоти сиёҳало подаҳои репродукторӣ созмон дода шуда , аз ҳисоби онҳо буққахистеҳсолӣ тайёр карда шуда ба тамоми сохторҳои хоҷагидорӣ паҳн карда мешаванд.

Саршумори умумии чорвои типи тоҷикии зоти сиёҳалое,ки дар ҷуфтикунонӣ бо буққаҳои зоти голштинӣ иштирок менамояд, соли 2010- 145 ҳазор сар ва соли 2018 бошад ба 225 ҳазор сар расидааст.

Маҳсулнокии шири модаговҳое, ки дар ҷуфтикунонӣ иштирок менамоянд 1800-2600 кг, равғаннокии шир 3,60-3,80 % мебошад. Дар оянда зиёд шудани маҳсулнокии ширии модаговҳо дар хоҷагиҳои зотпарварӣ дар ҷадвали 2 нишон дода шудааст.

Барои пурра таъмин намудани ҳаҷми ба нақшагирифтаи ҷуфтикунонии модаговҳо ва гӯсолаҳо захираи ҳарсолаи нутфаи буққаҳои зоти голштинӣ 230 ҳазор донаро бояд ташкил диҳад.

2. Маҳсулнокии ширии модаговҳои хоҷагиҳои зотпарвар

| Хоҷагиҳо | Саршу -мори умумӣ | Аз ин барои зот | Ширдӯшӣ дар 1-ум давраи шир-диҳӣ,кг | Равған -нокии шир,% | Ширдӯ-шӣ дар 3-юм давра ва аз он боло, кг | Равған -нокии шир,% |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Л.Муродов | 270 | 250 | 4000 | 3,88 | 5900 | 3,87 |
| А.Юсупов | 290 | 240 | 3900 | 3,89 | 5200 | 3,88 |
| «Чорводори | | | | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Баракат» | 320 | 260 | 4100 | 3,89 | 6000 | 3,88 |
| «Навгилем» | 120 | 60 | 3900 | 3,90 | 5400 | 3,92 |
| Б.Мақсуд | 140 | 40 | 3800 | 4,08 | 5200 | 4,20 |
| А.Ҷумъаев | 220 | 20 | 3554 | 3,86 | 4268 | 3,88 |
| Урунхӯҷаев | 260 | 40 | 3690 | 3,90 | 4890 | 3,92 |
| «Палосс» | 120 | 20 | 3764 | 3,91 | 5200 | 3,92 |
| Э.Бойматова | 90 | 10 | 3554 | 3,83 | 4967 | 3,84 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ ва шахсии ноҳияи ба номи Ҷ.Расулов | 700 | 90 | 4650 | 3,90 | 5680 | 3,92 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ ва шахсии ноҳияи ба номи Б.Гафуров | 800 | 90 | 4480 | 3,87 | 5500 | 3,88 |
| Ҳамагӣ | 3330 | 1120 | 3945 | 3,90 | 5291 | 3,91 |

## НАҚШАИ КОР

Дар протсеси кор ба нақша гирифта шудааст, ки истифода аз буққаҳои зоти голштинӣ ба модаговҳои хуннокиашон ҳархелаи типи тоҷикии зоти сиёҳало буққаҳои селексияи маҳаллӣ бо хуннокии 1/2, 3/4, 7/8 ва 15/16 гирифта шавад (замима расми 1).

Аз истифодаи яквақтаи буққаҳои тозаи зоти голштинӣ ва интихоби буққаҳои 1/2, 3/4, 5/8 ва 7/8 ба даст овардани модаговҳои 1/2, 5/8, 9/16, 11/16 (замима расми 2-5).

Аз истифодаи думаротибагии буққаҳои тозаи голштинӣ ва интихоб намудани буққаҳои истеҳсолии 1/2, 3/4, 5/8 ва 7/8 хун дошта , гирифтани модаговҳои 5/8, 3/4, 11/16, 13/16 хун дошта (замима расми 6-9).

Вазифа гузошта мешавад, ки дар тамоми хоҷагиҳое,ки типи тоҷикии зоти сиёҳало парвариш карда мешавад , модаговҳои хуннокиашон ҳархела рӯёнида шавад.

Дар натиҷаи истифодаи буққаҳои нимхунаи голштинӣ ва дар оянда якчанд маротиба истифода намудани хуннокиҳои гуногуни буққаҳои истеҳсолии голштинӣ 1/2, 3/4, 5/8 ва 7/8, ба даст овардани модаговҳои 1/2, 7/16, 5/8 ва 9/16 хун дошта(замима расми 10-15).

Дар ҳолати истифода бурдани буққаҳои 3/4 хун дошта ва дар натиҷаи интихобкунӣ аз онҳо гирифтани буққаҳои 3/4, 5/8, 7/8 ва 15/16 рӯёнидани модаговҳои 9/16, 1/2, 5/8 ва 3/4 (замима расми 16-20).

Барои дар насли офарида шуда нигоҳ доштани тамоми аломатҳои селексионӣ ба нақша гирифта мешавад, ки буққаҳо асосан аз зоти голштинӣ ва аз авлодҳои Рефлекшн Соверинг 198998, Монтфик Чифтейн 95679 ва Уес Идеал 933122 гирифта шаванд.

Авлоди Рефлекшн Соверинг 198998. Саравлоди ин авлод дар Канада дар натиҷаи истифодаи авлоди Говернер оф Карнейшн 629472 ва Инк Суприм Рефлекшн 121004 офарида шудааст. Маҳсулнокии ширии модари саравлод дар ширдӯшии беҳтарин 10935 кг бо равғаннокии 4,67 % буд. Ширдӯшии модари падараш 11090 кг бо равғаннокии 4,7 %. Баҳо додани буққаи Рефлекшн Соверинг аз рӯи сифати наслаш муайян намуд, ки духтарони вай нисбати стандарти пода, аз рӯи ширнокӣ 24 % ва равғаннокӣ 27 % бартарӣ доранд.

Дар пештара Иттиҳоди Шӯравӣ 35 сар буққаҳои ин авлод оварда шуда буд. Маҳсулнокии модарони онҳо ба ҳисоби миёна 8327 кг равғаннокии шир 4,11 %, модарони падаронашон -11008 кг ва 3,86 % буд.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз буққаҳои ин авлод: Мартин 1666678, Крис 1710910, Хикмарк 1688799, Байкал 743, Стролх 379536 дар тамоми заводҳои зотпарварӣ истифода карда шудаанд. Аксарияти ин бӯққаҳо беҳкунандаи маҳсулот мебошанд. Ҳангоми баҳодиҳӣ 306 сар духтароони ин буққаҳо ба ҳисоби миёна аз ҳамсолонашон 502 кг шир ва 0,02 % равғаннокии зиёд доштанд.

Авлоди Монтвик Чифтейн 95679 . Саравлоди_ Монвик Чифтейн 95679 писари буққаи варзида Иоханн Рэг Пебстра 345005 мебошад. Маҳсулнокии ширии 31 сар духтарони ин буққа дар 4-5-ум давраи шир-дӯшӣ 6025 кг , равғаннокии 3,96 %-ро ташкил дод.

Ба Иттиҳоди Шӯравӣ аз ин авлод 23 сар буққа бо маҳсулнокии миёнаи модаронашон 9266 кг , равғаннокии 4,02 %, модарони падарон – 10044 кг ва 4,21 % оварда шуда буданд.

Дар ҷумҳурии Тоҷикистон дар заводҳои зотпарварӣ аз буққаҳои ин авлод: Анилин 2137, Розалин 23645, Кинг 158 истифода бурда шудаанд. Ҳангоми баҳодиҳӣ духтарони ин буққаҳо ба ҳисоби миёна аз ҳамсолони зоти сиёҳалои худ, аз рӯи маҳсулнокии ширӣ 346 кг ва равғаннокии шир 0,04 % беҳтар буданд.

Авлоди Уэс Идеал 933122. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз буққаҳои ин авлод ба таври васеъ истифода карда шудааст. Буққаҳои Эксперт 661277, Астронавт 199, Лел 23682, Адонис 472, Лорд 661287, Арарат 454, Эллерд 23686, Ахтер 379519, Лидо 13023677 ва Семит 788 дар тамоми хоҷагиҳои зотпарварӣ истифода карда шудаанд.

Хусусан истифодаи буққаҳои селексияҳои америкои: Крис 171, Мартин 678, Хикмарк 799, Грей 181, Астроновт 199, Элвио 9972, селексияи олмонӣ: Семит 788, Лорд 287, Эксперт 277, Лидо 677, Ахтер 519, Винт 839, селексияи Россия: Мак 519, Меч 598, Экран 2233, Байкал 743, Дурман 361, Адонис 472, Арарат 454, селексияи Ҳолландӣ: Эллерд 686, Разалин 645, Лел 628, Аналин 2173, селексияи Эстонӣ: Полёт 805 натиҷаҳои хуб доданд.

Аз ҳисоби буққаҳои Астронавт 199 ва Семит 788, Ривок 16 ва Рекет 301 чор авлоди нав ташкил карда шуд. Писарони онҳо Атой 1140, Тростник 2160, Эрбус 70, Арбус 1494, Зонтик 455, Ампер 80, Ветер 2271 ва набераю аберахои онҳо Азлик 614, Паркет 439, Грек 817, Эрсон 6979, Гордий 969, Гром 939 ба таври васеъ истифода шуданд ва асоси офаридани типи говҳои тоҷикии зоти сиёҳало гаштанд.

3.Талабот ба нутфаи буққаҳои зоти голштинии хуннокиашон гуногун дар ҷумҳурӣ

| Хуннокӣ аз рӯи зоти голштинӣ | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
| Тоза | 35 | 38 | 40 | 42 | 44 | 50 |
| 1/2 | 26 | 30 | 35 | 36 | 38 | 35 |
| 3/4 | 44 | 47 | 51 | 53 | 60 | 65 |
| 7/8 | 38 | 41 | 44 | 48 | 52 | 75 |
| Ҳамагӣ(ҳазор) | 143 | 156 | 170 | 179 | 194 | 225 |

4.Саршумори модаговҳое,ки дар хоҷагиҳои зотпарварӣ бо буққаҳои зоти голштинӣ ҷуфти кунонида мешаванд

| Хоҷагиҳо | Сол | Сар | Маҳсулнокии ширӣ | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 1-ум давраи ширдӯшӣ | | Ба ҳисоби миёнаи пода | |
| | | | шир,кг | равған,% | шир,кг | равған,% |
| Л.Муродов | 2018 | 270 | 4000 | 3,88 | 5553 | 3,86 |
| А.Юсупов | // | 290 | 3900 | 3,89 | 5009 | 3,87 |
| «Чорводори Баракат» | // | 320 | 4100 | 3,89 | 5900 | 3,88 |
| «Навгилем» | // | 120 | 3300 | 3,90 | 4000 | 3,91 |
| Б.Мақсуд | // | 140 | 3400 | 4,08 | 3900 | 4,17 |
| А.Ҷумъаев | // | 220 | 2554 | 3,86 | 3368 | 3,87 |
| Урунхӯҷаев | // | 260 | 2690 | 3,90 | 3156 | 3,90 |
| «Палосс» | // | 120 | 2764 | 3,91 | 3200 | 3,91 |
| Э.Бойматова | // | 90 | 2554 | 3,83 | 2967 | 3,85 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ ва | // | | | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| шахсии ноҳияи ба номи Ҷ.Расулов | | 700 | 3650 | 3,90 | 4680 | 3,91 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ ва шахсии ноҳияи ба номи Б.Гафуров | // | 800 | 3480 | 3,87 | 4500 | 3,89 |
| Ҳамагӣ | | 3330 | 3945 | 3,90 | 5291 | 3,91 |

5.Нақшаи ба ҳисоби миёна зиёдшавии маҳсулнокии ширии зоти сиёҳалои тоҷикӣ то солҳои 2020

| Нишондодҳо | С о л ҳ о | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| Ширдӯшӣ, кг | 3800 | 4230 | 4500 | 5000 | 5200 | 5400 |
| Равғаннокӣ, % | 3,80 | 3,81 | 3,83 | 3,84 | 3,86 | 3,88 |
| Равғани шир, кг | 144,4 | 161,1 | 172,3 | 192,0 | 200,7 | 209,5 |

6. Хароҷоти хӯрокаҳо барои парвариши ҳайвоноти дурага

(ба ҳисоби миёна ба 1 сар)

| Сол-ҳо | Ҷинси чорво | Давраи парвариш | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | то 6 моҳагӣ | | то 12 моҳагӣ | | то 18 моҳагӣ | |
| | | воҳ. хӯр. | проте--ини ҳазм-шуда | воҳ. хӯр. | проте-ини ҳазм-шуда | воҳ. хӯр. | протее-ини ҳазм-шуда |
| 2014-2015 | буққа<br>гӯсола | 527,3<br>517,4 | 54,0<br>53,0 | 1588<br>1469 | 164,1<br>153,0 | 3088,0<br>2689,8 | 277,1<br>313,4 |
| 2015-2016 | буққа<br>гӯсола | 541,2<br>520,4 | 55,3<br>53,8 | 1780,3<br>1620,7 | 188,4<br>175,4 | 3220,3<br>2900,0 | 337,8<br>310,0 |
| 2016-2017 | буққа<br>гӯсола | 543,0<br>533,0 | 55,5<br>55,0 | 1803,4<br>1680,1 | 190,4<br>177,8 | 3281,4<br>2989,3 | 340,1<br>315,4 |

7. Вояи хӯрокаи тахминии модаговҳои буғӯзи аз шир монда

(вазни зинда 550-600 кг, равғаннокӣ 3,8-4 %)

| Хӯрока | Ширдӯшии ба нақшагирифташуда, кг | | |
|---|---|---|---|
| | 4000 | 5000 | 6000 |
| Бедаи алафҳои гуногун | 3,5 | 3,5 | 3,5 |
| Силоси ҷуворимакка | 16 | 16 | 16 |
| Тарбеда аз растаниҳои бисёрсола | 10 | 10 | 10 |
| Патокаи хӯрокӣ | 1 | 1 | 1 |
| Омехтаи ғалладонагиҳо | 1,5 | 2 | 2 |
| Кунҷораи офтобпараст ва ё пахта | 0,5 | 0,5 | 1 |
| Орди алаф | 0,7 | 1 | 1,5 |
| Намаки ошӣ,г | 60 | 65 | 70 |
| Хӯрокаҳои иловагии минералӣ, г | 60 | 65 | 70 |

8. Вояи хӯрокаи тахминии модаговҳои ширдеҳ дар фасли зимистон, ки маҳсулнокии солонаашон 4000-6000 кг шир буда (вазни зиндаашон 550-600, равғаннокии шир 3,8-4 %)

| Шири 1-рӯза | Х ӯ р о к а , кг | | | | | | | Нам-ак,г | Хӯр. мине-ралӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | беда | силос | тар-беда | бехме-вагиҳо | пато-ка | омех-таи ғалла-дона-гиҳо | орди алаф | | |
| То 6 | 2 | 20 | 10 | 3 | 0,5 | 1,2 | 1 | 55 | 55 |
| 8 | 2 | 20 | 10 | 4 | 0,6 | 1,8 | 1 | 60 | 60 |
| 10 | 2 | 20 | 10 | 5 | 0,7 | 2,3 | 1 | 70 | 70 |
| 12 | 2 | 20,5 | 10,5 | 6 | 0,7 | 2,8 | 1,5 | 80 | 80 |
| 14 | 2 | 21 | 10,5 | 7 | 0,8 | 3,2 | 1,5 | 85 | 85 |
| 16 | 2 | 21,5 | 11 | 8 | 0,8 | 3,8 | 2 | 95 | 95 |
| 18 | 2 | 22 | 11 | 9 | 0,9 | 5,2 | 2 | 100 | 100 |
| 20 | 2,5 | 22,5 | 11 | 10 | 0,9 | 6 | 2 | 110 | 110 |
| 22 | 2,5 | 23 | 11 | 11 | 1 | 6,8 | 2 | 120 | 120 |
| 24 | 2,5 | 23 | 11 | 12 | 1 | 7,7 | 2,5 | 125 | 125 |
| 26 | 2,5 | 23,5 | 11,5 | 13 | 1 | 8,6 | 2,5 | 135 | 135 |
| 28 | 2,5 | 24 | 11,5 | 14 | 1,1 | 9,5 | 3 | 140 | 140 |
| 30 | 3 | 24 | 11,5 | 15 | 1,1 | 10,5 | 3 | 150 | 150 |
| 32 | 3 | 24,5 | 12 | 17 | 1,2 | 12,6 | 3 | 170 | 170 |
| 34 | 3 | 24,5 | 12 | 17 | 1,2 | 12,6 | 3 | 170 | 170 |
| 36 | 3 | 25 | 12 | 18 | 1,2 | 13,7 | 3,5 | 180 | 180 |

## ТАЛАБОТҲОИ АСОСӢ БА ЗОТИ НАВ

Дар ҳама давру шароит барои зот ва типҳои офарандашаванда як меъёри муайяни истифодабарӣ, ки ба ягон стандарт ҷавобгӯй бошад муайян карда шудааст. Ҳангоми пешниҳод намудани стандарт бояд хусусиятҳои асосии чорвои беҳшаванда, беҳкунанда, ба шароити маҳал мутобиқ шудани онҳо, саршумор, дараҷаи хуннокӣ, маҳсулотнокӣ, андозаҳои бадан, вазни зинда, хусусиятҳои морфофунксионалии сина ва такрористеҳсолкунии зоти нав муайян карда шавад. Ин нишондодҳо барои зоти тоҷикии говҳои зоти сиёҳало аввалин маротиба пешниҳод карда мешавад.

Зоти модаговҳои сиёҳалои тоҷикӣ бояд чунин хусусиятҳоро доро бошад: сохти бадани мустаҳкам ва боқувват, танаи мутаносиб, синаи баробар инкишофёфта, ваннамонанд ё косашакл. Вазни зиндаи модаговҳои калонсол 500-550 кг, буққаҳо-800-1000 кг. Калла бо бадан рост, фӯки нисбатан васеъ, пешонаи каме фурӯхамида. Шонаҳо рост ва ба тана часпида, миёни рост, тахтапушт васеъ. Қисми қафо васеъ, дароз, аз устухони чорбанд каме нишеб то устухонҳои кос, мушакҳо хуб тараққӣ кардаанд, устухони чорбанд васеъ, решаи дум бо тахтапушт рост. Шикам овезон не, дароз ва чуқур. Қабурғаҳо камоншакл, аз ҳамдигар дур, сари синаи васеъ ва чуқур. Сина бо захираи калон, баробар тараққӣ ёфтааст, ба тана хуб часпидааст, рагҳои ширӣ намудор, дароз. Қомати баланд, пойҳои нафиси дароз, гардани дароз ва лайс, каллаи сабуки майдаи мулоими нафис бояд дошта бошад.

9. **Талаботҳои асосӣ ба чорвои зоти алои тоҷикӣ**

| Нишондодҳо | Мувофиқ ба талабот |
|---|---|
| Саршумор | 2000 |
| Ширдӯшӣ, кг: | |
| якум давраи ширдӯшӣ | 3800-4000 |
| дуюм давраи ширдӯшӣ | 4001-4800 |
| сеюм давраи ширдӯшӣ | 4801-6000 ва аз он боло |
| Равғаннокии шир, % | |
| якум давраи ширдӯшӣ | 3,75-3,80 |
| дуюм давраи ширдӯшӣ | 3,81-3,90 |
| сеюм давраи ширдӯшӣ | 3,91-4,20 ва аз он боло |
| Авлод | 4-то |
| Оила | 6-то |
| Вазни зиндаи буққаҳои истеҳсолӣ,кг | 800-1000 |
| Вазни зиндаи модаговҳо, кг: | |
| якум давраи ширдӯшӣ | 400-450 |
| дуюм давраи ширдӯшӣ | 451-500 |
| сеюм давраи ширдӯшӣ | 501-550 |

| | |
|---|---|
| Андозаҳо см: баландӣ то кӯҳон: | |
| модагов | 130-135 |
| буққа | 140-145 |
| дарозии қафаси сина: | |
| модагов | 190-200 |
| буққа | 220-230 |
| Сина | Чуқур, қисмҳо баробар инкишофёфта,асосан косашакл |
| Пойҳо | Боқувват (асосан сумҳо), ки имконияти дар фарши сахт нигоҳ доштани чорворо дорад. |

### Экстерер ва конститутсияи зоти тоҷикии говҳои ало

Ҳангоми офаридани зоти нав нав баробари баланд бардоштани маҳсулнокӣ ширӣ ба экстерер ва конститутсияи онҳо низ аҳамияти калон дода шудааст.Модаговхои зоти нав қаду қомати мавзун дошта намуди шири доранд. Ин ҳайвоноти калонҷусса буда тахтапушт ва миёни мустаҳкам, сари синаи чуқур ва пойҳои мустаҳкам доранд. Синаашон калон, ғадуднок, ба тана сахт часпидаанд, косамонанд ва ё гирдшакланд. Баландӣ то кӯҳон дар зоиши аввал – 130,0см, чуқурии сари сина – 68,0, хати каҷи бадан – 156,0см, дарозии атрофии миён 195,0см, дарозии атрофии пой 19,2см-ро ташкил медиҳад .

### 10. Андозаҳои танаи говҳои тоҷикии зоти сиёҳало

**(баъди зоиши аввал, см)**

| Хуннокӣ | Баландӣ то кӯҳон | Чуқурии сари сина | Хати каҷи бадан | Дарозии атрофи миён | Дарозии атрофи пой |
|---|---|---|---|---|---|
| 1/8 | 130 | 68 | 154 | 194 | 19,2 |
| 1/4 | 131 | 69 | 155 | 195 | 19,2 |
| 3/8 | 131 | 67 | 156 | 195 | 19,3 |
| 1/2 | 132 | 68 | 156 | 196 | 19,2 |
| 5/8 | 132 | 69 | 157 | 196 | 19,3 |
| 3/4 | 133 | 70 | 158 | 197 | 19,4 |
| 7/8 | 132 | 66 | 156 | 194 | 19,2 |
| Ба ҳисоби миёна | 131,5 | 68 | 156 | 195 | 19,2 |

Аз рӯи аксарияти андозаҳо говҳои зоти нав нисбати зоти сиёҳало бартарӣ доранд. Говҳои хуннокиашон баланд (5/8,3/4,7/8,) аз рӯи танумандӣ байни ҳамдигар фарқияти калон надоранд. Хусисиятҳои ба зот хос доштан ва маҳсулнокии баландро асосан буққаҳои Астронавт 199, Семит 788, Грей 181, Хик Марк 1688799, Крис 1700910,Мак 519, Меч 598, Мартин 1666678, Арбус 1494, Эрбус 70 ба духтаронашон ба мерос додаанд.

**Вазни зиндаи ҷавонаҳои зоти нав**

Дар заводҳо ва хоҷагиҳои зотпарварӣ технологияи интенсивии парвариш ба роҳ монда шудааст, ки инкишофу тараққиёти мӯътадили ҷавонаҳоро таъмин намуда имконият медиҳад, гӯсолаҳои бардаму сермаҳсул ба даст ояд .

**11. Динамикаи рушду инкишофи гӯсолаҳо**

| Хуннокӣ | Сол (моҳ) | | | | | | Ҳангоми бордоркунии аввал | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 10 | | 12 | | 18 | | | | |
| | саршумор | вазни зин-да, кг | саршу мор | вазни зин-да, кг | саршу мор | вазни зин-да, кг | саршу мор | вазни зин-да, кг | синну сол |
| 1/8 | 195 | 251 | 88 | 297 | 110 | 396 | 120 | 399 | 18,8 |
| 1/4 | 310 | 258 | 120 | 296 | 330 | 396 | 190 | 400 | 18,9 |
| 3/8 | 220 | 259 | 90 | 300 | 304 | 396 | 280 | 398 | 18,8 |
| 1/2 | 170 | 250 | 186 | 292 | 224 | 401 | 146 | 410 | 17,6 |
| 5/8 | 140 | 248 | 210 | 304 | 176 | 410 | 179 | 417 | 18,9 |
| 3/4 | 210 | 261 | 317 | 306 | 168 | 408 | 230 | 401 | 18,6 |
| 7/8 | 110 | 249 | 75 | 296 | 124 | 397 | 310 | 400 | 18,5 |
| Ба ҳисоби миёна | | 254 | | 299 | | 400 | | 403 | 18,5 |

Гӯсолаҳо дар синни 18 моҳагӣ 396-410 кг вазн мегиранд. Синну соли зоиши аввал ба 27,6-28,9 моҳ баробар аст. Дар заводҳои зотпарварӣ вазни зиндаи модаговҳо ба ҳисоби миёна пас аз зоиши якум 484кг (аз 476 то 491кг) ва баъди зоиши сеюм – 567кг (аз 560 то 575кг) мебошад .

12. Вазнафзункунии шабонарӯзии ҷавонаҳои дурага, вобаста аз синну сол, г

| Генотип | Ҷинси чорво | Синну сол, моҳ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 0-3 | 0-6 | 0-9 | 0-12 | 0-15 | 0-18 |
| Сиёҳало | буққа | 633 | 644 | 621 | 665 | 648 | 687 |
| | гӯсола | 542 | 554 | 577 | 585 | 564 | 567 |
| 1/4с/а+ 3/4гф | буққа | 663 | 659 | 642 | 659 | 683 | 736 |
| | гӯсола | 546 | 554 | 560 | 581 | 598 | 606 |
| 3/8с/а+5/8гф | буққа | 661 | 666 | 648 | 674 | 699 | 741 |
| | гӯсола | 571 | 603 | 583 | 587 | 594 | 600 |
| 1/2с/а+ 1/2 гф | буққа | 666 | 667 | 659 | 664 | 634 | 717 |
| | гӯсола | 611 | 599 | 618 | 619 | 631 | 635 |
| 5/8с/а+3/8 гф | буққа | 646 | 647 | 659 | 665 | 689 | 708 |
| | гӯсола | 566 | 574 | 562 | 569 | 578 | 599 |
| 3/4с/а+1/4 гф | буққа | 641 | 650 | 706 | 719 | 710 | 721 |
| | гӯсола | 619 | 627 | 651 | 642 | 628 | 619 |

**13. Вазни зиндаи модаговҳо**

| Хуннокӣ | Вазни зинда, кг | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 1-ум зоиш | 2-юм зоиш | 3-юм зоиш ва аз он зиёд | ба ҳисоби миёна |
| 1/8 | 477 | 529 | 562 | 522 |
| 1/4 | 485 | 530 | 575 | 530 |
| 3/8 | 476 | 544 | 560 | 536 |
| 1/2 | 483 | 539 | 565 | 529 |
| 5/8 | 491 | 536 | 568 | 531 |
| 3/4 | 486 | 540 | 569 | 531 |
| 7/8 | 478 | 531 | 564 | 524 |
| Ба ҳисоби миёна | 482 | 535 | 566 | |

Аз рӯйи методикаи Н.Н.Колесник (1960) ба типи ширӣ ҳамон хел модаговеро мансуб медонанд, ки ба ҳар 100 кг вазни зиндааш зиёда аз 800 кг шир диҳад. Дар хоҷагиҳои зотпарвари коэффитсиенти ширнокӣ аз 992 то 1096-ро ташкил дод.

**Хусусиятҳои морфологӣ ва функсионалии**

**синаи модаговҳои зоти нав**

Шакли сина ва хусусиятҳои морфологии он аз бисёр ҷиҳатҳо ширнокии модаговро муайян менамояд.

Ҳангоми офаридани зоти говҳои сиёҳалои тоҷикӣ бештар ба ғадуднокӣ, ҳаҷм, шакл ва мувофиқи сина ба мошинаи ширдӯшӣ диққати бештар дода шуд. Саршумори бештари пода синаи хуб инкишофёфта дошта, ба тана хуб часпида ба пеш майл доранд. Чуқурии қисмҳои пеши сина 21,8 см буда пистонҳо васеъ ҷойгир шудаанд ва шакли силиндрӣ ва конусӣ дошта дарозиашон 6,1-7,0 см, ғафсиашон 2,5-3,0 см мебошад. Аксарияти модаговҳо синаи ғадуднок доранд, ки пас аз дӯшидан хуб паст мешаванд. Модаговҳои типи нав ширдӯшии шабонарӯзӣ ва суръати ширдӯшии баланд доранд. Бо зиёд шудани хуни голштинӣ ширдӯшии шабонрӯзӣ аз 18,6 то 23,5 кг зиёд мешавад. Суръати ширдӯшӣ аз 1,86 то 2,10 кг/дақ буда, баробарии қисмҳои алоҳидаи сина беҳтар мегардад .

**14. Хусусиятҳои функсионалии синаи модаговҳои зоти нав**

| Хуннокӣ | Ширдӯшии шабонарӯзӣ,кг | Суръати ширхориҷкунӣ кг/дақ. | Индекси сина, % |
|---|---|---|---|
| 1/8 | 18,6 | 1,86 | 38,6 |
| ¼ | 18,7 | 1,91 | 39,7 |
| 3/8 | 19,1 | 1,89 | 41,3 |
| ½ | 20,0 | 1,98 | 42,8 |
| 5/8 | 21,9 | 2,05 | 42,5 |
| ¾ | 23,5 | 2,10 | 43,3 |
| 7/8 | 21,4 | 1,87 | 42,3 |
| Ба ҳисоби миёна | 20,4 | 1,95 | 41,5 |

**Такрористеҳсолкунӣ дар пода**

Маҳсулнокии баланд ва такрористеҳсолкунии ҳамавақта сатҳи даромаднокии чорвои шириро муайян менамояд.

Дар хоҷагиҳое, ки зоти говҳои сиёҳалои тоҷикӣ офарида мешаванд асосан аз нутфаи буққаҳое, ки аз давлатҳои ИМА, Канада, Олмон, Русия оварда шудаанд ва аз он буққаҳое, ки дар шароити

заводҳои зотпарварии ҷумҳурӣ парвариш карда шудаанд, истифода мебаранд.

Дар шароити заводҳои зотпарварӣ аз 1150 сар говҳои зоти сиёҳалои тоҷикӣ, ки хуннокиашон гуногун аст такрористехсолкунӣ омӯхта шудааст.

**15. Хусусиятҳои такрористеҳсолкунии зоти тоҷикии говҳои зоти сиёҳало**

| Хун-нокӣ | Саршу-мор | Синну соли зо-иши ав-вал | Давраи байни ду зоиш,рӯз | Давраи сервисӣ, рӯз | Давраи шир қоқ-кунӣ, рӯз | Коэффиси-енти такрор-истеҳсолку-нӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Сиёҳало | 38 | 27,2 | 369+6,4 | 81,4+5,9 | 56,5+1,7 | 1,02+0,02 |
| Голштинӣ: 1/8 | 28 | 26,6 | 364,2+4,5 | 88,7+4,7 | 61,3+4,1 | 1,00+0,03 |
| 1/4 | 24 | 26,2 | 362,9+6,6 | 80,4+5,5 | 58,8+2,0 | 1,01+0,01 |
| 3/8 | 20 | 27,0 | 370,0+7,0 | 90,0+7,6 | 58,6+1,1 | 1,00+0,02 |
| 1/2 | 173 | 26,6 | 370,8+3,2 | 88,8+4,0 | 58,6+1,5 | 1,00+0,01 |
| 5/8 | 100 | 27,1 | 375,5+4,1 | 97,8+4,4 | 58,6+2,0 | 0,99+0,01 |
| 3/4 | 64 | 25,8 | 373,8+6,2 | 90,2+5,4 | 60,2+2,5 | 1,02+0,01 |
| 7/8 | 63 | 27,3 | 371,5+4,8 | 92,4+6,1 | 59,7+3,1 | 0,98+0,02 |
| **Ба ҳисоби миёна** | | 26,7 | 369,5 | 88,7 | 59,0 | 1,00 |

Аз нишондодҳои ҷадвал бармеояд, ки хусусиятҳои такрористеҳ-солкунии говҳои зоти тоҷикӣ дар шароити Тоҷикистон ба талаботҳои физиологӣ ҷавобгӯянд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳайвоноти ин намуд тезрас буда, рушду такомули гӯсолаҳо қаноатбахш аст.

# З А М И М А

## (Нақшаҳои гирифтани хуннокиҳои гуногун)




Нақшаи 1




Нақшаи 2




Нақшаи 3




Нақшаи 4




Нақшаи 5







Нақшаи 6

Нақшаи 7







Нақшаи 8

Нақшаи 9






Нақшаи 10

Нақшаи 11







Нақшаи12

Нақшаи13







Нақшаи 14

Нақшаи 15






Нақшаи16. Нақшаи 17.




Нақшаи18.




Нақшаи 19.




Нақшаи 20.